# ҚАРОРИ

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–052-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 18 апрели соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–052 диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (роҳбарони илмӣ – номзади илмҳои психологӣ, дотсент Амонов Н.Қ., мушовири илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Юнусова Н.М.), тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматова Л.М., номзади илмҳои психологӣ, дотсент Мингбоев А.Ю. инчунин, баромади мутахассисон доир ба мавзӯи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: номзади илмҳои психологӣ, дотсент Зайтметов Ҳ.А., номзади илмҳои психологӣ, дотсент Дадоҷонов Ё., номзади илмҳои фалсафа Маҳмадизода Н.Д., дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, ҳулосаи қабулнамудаи Шӯро оид ба диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳамиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология ба талаботҳои пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.
2. Маводи чопнамудаи муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Саидзода Баҳрулло Хол бо дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология сарфароз гардонида шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Саидзода Баҳрулло Хол бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Тарафдор – 13 нафар, Муқобил нест, Бетараф нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раисикунандаи Шӯро: иҷозат диҳед диссертантро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик ва аъзои Шӯроро барои фаъолияти бобарор ташаккур гӯям. Бо ҳамин ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раисикунанда дар Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Маҷидова Б.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Миров Ф.С.**